# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод Самадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, иттилотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи тарбияи ҷисмонӣ ва солимии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими даврони муосир маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳақиқ асосҳои педагогии сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда аз ин далолат мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия ба мазмун ва моҳияти мафҳуми омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" саҳеҳият ворид карда, сохтори онро

ҳамчун шакли ташкили мураккаби иборат аз ҷузъҳои гуногун мушаххастар кардааст ва ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва зинаҳои инкишофи он муайян кардааст ва, аз ҳама муҳим, амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ намудааст.

Ҳамчунин, ошкор кардааст, ки ин сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ барои фаъолияту зиндагии имрӯзаву минбаъдаи насли наврас зарурӣ мебошанд ва дар мариди воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барномаи таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ пешниҳодҳо коркард ва манзур кардааст, ки ин аз арзиши илмиву амалии таҳқиқоти ӯ шаҳодат медиҳад.

Довталаб хеле дуруст ва бомаврид таъкид кардааст, ки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ»-ро мо ҳамчун шакли ташкили усули таълими ҳамгиро (интегратсионӣ)-и шахсияти донишҷӯ баррасӣ намудем, ки дорои сохтори мураккаб буда, дар ҳамкории ҷудонопазири ҷузъҳои маромӣ-арзишӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ ва дар мазмуну амалиётӣ (оператсионалӣ) ва қобилияти ҷисмониву эҷодӣ арзёбӣ хоҳад гашт.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмониро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳоро муайян кардааст, самаранокии амсилаи пешниҳодкардаашро аз тариқи баргузории таҳқиқоти озмоишӣ исбот кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"-ро таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ кардадашуда ба рушди маҳорату малакаҳои касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмониро мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониш, маҳорату малакаҳои касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Самадов Миршодро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Самадов Миршод Самадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси барои дарёфти дараљаи илмии номзади илмњои педагогї аз рўи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи тањсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва
инноватсияи ДҶТИБКСМ Собиров Сафарбек Фаттоҳович

05.01.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

*"Имзои Собирав Сафарбекро тасдиқ мекунам".*

*Сардори раёсати кадрҳо*
*ва котиботи ДҶТИБКСМ* *Ҳабибзода М.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОТИБОТ